# ПРОТОКОЛИ №90
## ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**24 январи соли 2026** **ш. Душанбе**

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шуро, 13 нафар

**Раиси шуро:** Назаров А.Қ.

Дар ҷаласаи имрӯза аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармони КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, №15/шд (бо тағйиру иловаҳо аз 05 июли соли 2024, таҳти №225/шд) тасдиқ гардида, 13 нафар иштирок доранд.

Оид ба кори ҷаласа шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳодҳо доред?

Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, ки мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба экспертизаи аввалия қабул намудани диссертатсияи Исломзода Илҳом Ислом дар мавзуи «Шикори ғайриқонунӣ: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳукуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.

**Баромад намуданд:** Раиси шурои диссертатсионӣ Назаров А.Қ., котиби илмии шуро Мирзозода Қ.Х. ва аъзои шурои диссертатсионӣ Раҳмадҷонзода Р.Р.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Исломзода Илҳом Ислом дар мавзуи «Шикори ғайриқонунӣ: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳукуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои экспертиза қабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин тасдиқ карда шаванд:

– доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор аъзои шуро Азиззода У.А.;
– доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор аъзои шуро Қудратов Н.А.;
– номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, Раҳмон С.С.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор 13 нафар, муқобил-нест, бетараф-нест. Қарор якдилона ҷонибдорӣ гардид.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,** **Мирзозода Қ.Х.**